Мел тоу 2
К-46.

Латофат

# ГАҲВОРАҶУНБОН



Кӯдакон ба сони афсонаҳои зебоянд. Гаштаву баргашта шунидан мехоҳеду дидан. Ба сони афсонаи зеботарини зиндагии мо бимонед, азизонам!

*Латофат*




КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДИШУДА БАРГАРДОНЕД

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

ЧДММ Ҳоҷӣ Ҳасан"

4/3


ISBN 978-99947-53-50-5



## Тоҷикистони ман
(суруд)

Хоки ту ганҷхез,
Субҳи ту атрбез,
Рӯи дашту чаман
Лолаат хандарез.

Ай Ватан,
Ай Ватан,
Тоҷикистони ман!

Қуллаат – нуқрасо,
Чашмаат – пурсафо.
Меваат шаккарин,
Ҳар гиёҳат даво.

Ай Ватан,
Ай Ватан,
Тоҷикистони ман!

Кишвари ховарӣ,
Лаҳҷаи ту – дарӣ,
Бар ту халқи ҷаҳон
Мекунад боварӣ.

Ай Ватан,
Ай Ватан,
Тоҷикистони ман!

## Нӯшофарин

Нӯшофарин –
Ҷони амак,
Дар сараки
Хони амак.

Биншаста
Меҳмони азиз,
Дулунҷа зад
Қанду мавиз.

Дастархони
Олия бин,
Табақчаи
Холия бин!



## Маҳтоб

Маҳтоб шаб баромад,
Аз бому аз дар омад.
Бистари нарми ман дид,
Бистари гарми ман дид.
Ба хоби ман ҳавас кард,
Дигар корашро бас кард.
Оҳиста паст-паст шуд,
Гӯё, ки рӯи даст шуд.
Хамёзаи маро дид,
Дар паҳлӯи ман ёзид…
Саҳар хеста аз хобам,
Маҳтоброро мекобам.





## Шеъро

Шом шудаст,
Шом шудаст –
Кӯча ҳам ором шудаст.

Шом шудаст,
Шом шудаст –
Валвала итмом шудаст.

Шом шудаст,
Шом шудаст –
Маҳ ба лаби бом шудаст.

Шеърои шӯху беқарор,
Ду рӯякаш гули баҳор.
Чил кокулаш бӯи гулоб,
Ду чашмакаш
пур-пури хоб...

Шом шудаст,
Шом шудаст,
Оҳучае ром шудаст,
Дар бағали мом шудаст.

## Гаҳворачунбон

Гаҳворачунбон,
Гаҳвора чунбон.

Оҳиста чунбон,
Дониста чунбон.

Гаҳвора холӣ,
Бебача ҳолӣ…

Нинӣ надорем,
Пешат биёрем.



## Файзи борон

Силсилаборон расид,
Тӯйи баҳорон расид.

Дар пуштаю кӯҳу тал,
Гулҳо кушода бағал –

Атри фаровон заданд,
Парчами алвон заданд.





## Оруи асал

Ғингу ғингу ғингу ғинг,
Оруҳои Ховалинг.
Гул хӯрда касал шуданд,
Оруи асал шуданд.

## Дилсӯзӣ

Сари танӯрак,
Нишаста мӯрак,
Бечора ҳайрон,
Кучо шудаст нон?

Гурусна мӯрак,
Сари танӯрак.
Ку очачонаш,
Мепухт нонаш?!





## Меҳрона

Аз ёна кӣ меояд?
Шодона кӣ меояд?

Бо куртаи алвонаш,
Гул дар бари домонаш.

Аз таг-таги дӯлона,
Пар-пар зада бар хона,

Меҳронаи мо ояд,
Ҷононаи мо ояд.


Латофат
**Гаҳворачунбон**
(маҷмӯаи шеърҳо барои кӯдакон)

*Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16,*
*ТҶБ «Истиқбол» - 2010*

Муҳаррир: Юсуфҷон Аҳмадзода
Мусаввир: Камол Олимзода
Тарроҳ: Комрон Раҳмонзод
Мусаҳҳеҳ: Ганҷина Муллоҷонова

Ба чоп супурда шуд 25.05.2010. Ба нашраш имзо шуд 05.06.2010. Андозаи 60x84 $^1/_{16}$. Ҷузъи чопию ҳисобӣ 2,5. Адади нашр 5000 нусха. Нархаш шартномавист

ISBN 978-99947-53-50-5

Дар интишороти “Mega-Basim” (Туркиё) чоп шудааст